*ТДУ 8Т1*
*DOI:10.51844-2077-4990-2023-3-237-244*

# *ХУСУСИЯТҲОИ ТАСВИРИ БАДЕӢ ВА ИНЪИКОСИ ФАЛСАФАИ ЗИНДАГӢ ДАР ҲИКОЯҲОИ АНВАР МИЗОҲАКИМИ ОЛИМ*

***Ҳошимов Илҳомҷон Раҷаббоевич**, унвонҷӯи кафедраи адабиёти муосири тоҷики МДТ "ДДХ ба номи акад.Б.Ғафуров"*

# *ОСОБЕННОСТИ ХУДОЖЕСТВЕННОГО ОБРАЗА И ОТРАЖЕНИЕ ФИЛОСОФИИ ЖИЗНИ В РАССКАЗАХ АНВАРА МИЗОХАКИМИ ОЛИМА*

***Хошимов Илхомджон Раджаббоевич**, соискатель кафедры современной таджикской литературы ГОУ «ХГУ имени акад. Б.Гафурова»*

# *FEATURES OF THE ARTISTIC IMAGE AND REFLECTION OF THE PHILOSOPHY OF LIFE IN THE STORIES OF ANWAR MIZOHAKIMI OLIM*

***Hoshimov Ilhomjon Rajabboevich**, candidate o philological sciences of Modern Literature Department of SEI "KSU named after acad. B. Gafurov (Tajikistan, Khujand)*
***E-mail:** hoshimovilhomjon@gmail.com*

***Вожаҳои калидӣ:** тасвир, Анвар Олим, наср, ҳаёт, қаҳрамон*

*Дар мақола хусусиятҳои тасвири бадеӣ ва инъикоси фалсафаи зиндагӣ дар ҳикояҳои нависандаи муосири тоҷик Анвар Мизоҳакими Олим мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.Қайд мешавад, ки Анвар Олим аз зумраи он нависандагонест, ки ҳам аз назари сабки нигориш ва ҳам аз назари мавзӯъву вежагиҳои фаннӣ насри муосири тоҷикиро пеш бурданд.Хотирнишон мешавад, ки ҳикояҳои нависанда аксар заминаи ҳаётӣ доранд ва ё аз зиндагии муқаррарии муҳити зисти муаллиф гирифта шуда, дар партави ҳадафи ғоявии муаллиф паёме аз мушкилоти маънавию ахлоқӣ ва иҷтимоӣ бо худ доранд. Хулоса мешавад, ки тасвирҳои бадеии инсон, вақту фазо ва ашёву ҳолатҳои зиндагӣ дар ҳикояҳои адиб хеле ҷаззоб ва тозаву наванд, ки ин муассирии сухани нависандаро пурқувват менамояд.*

***Ключевые слова:** изображение, Анвар Олим, проза, жизнь, герой*

*В статье рассматриваются особенности художественных образов и отражение философии жизни в рассказах современного таджикского писателя Анвара Мизохакими Олима. Отмечается, что Анвар Олим является одним из тех писателей, которые продвинули современную таджикскую прозу как по стилю изложения, так и по тематике и техническим деталям. . Подчеркивается, что все рассказы писателя имеют жизненную подоплеку или взяты из повседневной жизни авторского окружения и в свете идейной цели автора несут послание духовно-нравственных и социальных проблем. Сделан вывод о том, что художественные образы людей, времени и пространства, предметов и ситуаций жизни в рассказах писателя очень привлекательны и свежи, которые быстро проникают в сознание читателя.*

***Key words:** image, Anwar Olim, prose, life, hero*

*The article examines the features of artistic images and the reflection of the philosophy of life in the stories of the modern Tajik writer Anvar Mizohakimi Olim. It is noted that Anwar Olim is one of those writers who have advanced modern Tajik prose both in style of presentation and in subject matter and technical details. It is shown that most of the writer's works have a real and life basis and tell a moment from the writer's own life, which indicates the effectiveness of the writer's speech. All the writer's works have a real-life background or are taken from the everyday life of the author's environment and, in the light of the author's ideological goal, carry a message of spiritual, moral and social problems. The artistic images of time and space, objects and situations of life in the writer's works are very attractive, fresh and new, which quickly penetrate the reader's consciousness.*

Анвар Мирзоҳакими Олим аз зумраи он қаламкашонест, ки охирҳои солҳои 70-ум ва оғози солҳои 80-уми асри гузашта ба майдони адабиёт омада, давоми фаъолияти эҷодии қариб чилсолааш аз худ мероси шоистаеро дар услуби тозаи баён ва шаклу қолаби нав ба мерос гузошт. Мавсуф аз мактаби бузургони адабиёти муосири тоҷик Садриддин Айнӣ, Ҷалол Икромӣ, Пӯлод Толис, Ҳаким Карим, Раҳим Ҷалил, Ҷумъа Одина, Фазлиддин Муҳаммадиев, Сорбон, Ӯрун Кӯҳзод, Ҷонибек Акобиров, Саттор Турсун ва дигарон баҳравар гашта, соҳиби сабку услуби худ гашта буд. Ҳанӯз миёнаҳои солҳои ҳаштодум вақте бори аввал ҳикояи "Шохи шикаста"-т А.Олимов таълиф мешавад, устоди наср Фазлиддин Муҳаммадиев ба ӯ фотеҳаи роҳи эҷодӣ дода буд, ки дар ин бора А.Олим дар сархати ин ҳикоя чунин нигоштааст: "Яке аз устодони наср Абдулло Қаҳҳор дар суҳбате навқаламонро ба мутрибони навмашқ ташбеҳ додаанд, ки ҳамин ҳоло созе ба даст гирифта , торҳои онро нав ҷӯр кардаанд ва тарзи навохти нахустин савтҳоро аз бар

мекунанд. Чанд ҳикояи Анвар Олимовро аз ин пеш бо мароқ хондаам. Ҳикояе, ки манзури хонандагони муҳтарам мешавад, аз олами рангин ва пурэҳсоси инсони кӯчак ба назокат нақл мекунад. Муаллифи ҷавон торҳои созашро ҷӯр сохтааст, таронаҳои аввалинашро батаанни̣ ва батаъсир менавозад. Аз ӯ навоҳои хуш, оҳангҳои дилошӯб умедворем" [8, с.97].

Воқеъан, ин назари нек ва умедвории хушбинонаи устоди насри муосири тоҷик Ф Муҳаммадиев осори минбаъд таълифнамудаи А.Олим тақвият бахшиданд. Зеро нависандаи тозапардози тоҷик Анвар Мирзоҳакими Олим аз зумраи он нависандагонест, ки дар солҳои охир ба дастовардҳои муҳими эҷодӣ ноил гардидаанд[15, с.128 ].

Мавзӯе, ки мо дар ин мақола таҳқиқ мекунем мурури ба масоили тасвири бадеӣ ва инъикоси фалсафаи зиндагӣ дар осори нависанда Анвар Мирзоҳакими Олим мебошад. То имрӯз дар мавриди пажӯҳиши эҷодиёташ аз ҷониби муҳаққиқони адабиёт мақолаҳои гуногуни илмӣ, публитсистӣ эҷод шудаанд, аммо пажӯҳиши фаротаре дар ин мавзӯъ анҷом нашудааст. Давоми солҳои 2008-2018 адабиётшиносони варзида А.Сайфуллоев[16], М.Мирзоюнус[4], Н.Нуров, С.Саидов[12;13;14], Б.Мирсаидов, М.Сайфуллоева[15], М.Хоҷаева[20] шоирон Аҳмадҷон Раҳматзод[11], Фарзона[19] ва дигарон ба осори Анвар Мирзоҳакими Олим таваҷҷӯҳ намуда, андешаҳои худро перомуни ҳикояву қиссаҳои нависанда баён кардаанд. Қисме аз он дар шакли мақолаи алоҳида дар рӯзномаву маҷаллаҳои соҳавӣ чоп шуда бошад, қисме дигар чун муқаддимаи сухан дар асарҳои Анвар Мирзоҳакими Олим дарҷ гардидааст. Аз ин рӯ тасмими мо дар ин мақола баёни масоили тасвири бадеӣ, истифодаи саноеи адабӣ дар қиссаву ҳикояҳои Анвар Мирзоҳакими Олим ва инъикоси фалсафаи зиндагӣ дар тимсоли қаҳрамонҳояш мебошад.

А.Сайфуллоев дар "Уфуқҳои наср" доир ба ҳикояҳои Анвар Мирзоҳакими Олим чунин баҳогузорӣ намудааст: "Агар рӯзгори ҳар фард як китоби пурмӯҳтавои ҳаёт бошад, ҳар як ҳикояи Анвар Мирзоҳакими Олим саҳфае аз он аст, ки зиндагии тоҷиконро бо суннату хусусиятҳои миллиаш инъикос менамояд. Нависанда лавҳаҳои нотакрори ҳаёт, тақдири ашхоси гуногун, шодию сурур, ғаму андӯҳ, дарду алам, орзую омоли онҳоро ба тасвир мегирад. Дар аксари ҳикояҳо қаҳрамоне ширкат меварзад, ки марҳилаҳои мухталифи ҳаёти нависандаро аз овони тифлӣ то ба давраи ҷавонии ӯ хотирнишон мекунад, вале табиист, ки қаҳрамони ҳикоя ва худи нависанда айнан як шахс нестанд. Аммо дар ҳикояҳои лирикии маҷмӯъа "ман" гуфтани таҳкиягар хоҳу нохоҳ садои дили нависанда ва эҳсосу афкори ӯро фаро мегирад. Мо дарк мекунем, ки тамоми воқеаҳо ба он дили софу беғубор таъсири амиқ мегузоранд"[16, с.41].

Анвар Мирзоҳакими Олим қаламкаши мусаввир аст, ки бо офаридани образҳои ҷолиби ҳамзамононаш яке мавзуъҳои муҳими ҳаётиро ба тасвир гирифта, дар меҳвари эҷодиёташ тақдири инсон ва фалсафаи зиндагии ӯро қарор додааст.

Матлубаи Мирзоюнус дар бобати услуби баён, забон ва насри Анвар Мирзоҳакими Олим андешаронӣ намуда, ӯро аз ҷумлаи нависандагони навҷӯю навгӯ хондааст. "Зимнан ҳадаф аз навиштан ҳамеша матлаберо барои хонанда арз кардан аст. Барои Анвар Олим муҳимтарин матолиб бозкушодани ҷавҳари инсон аст ва даъвати мардум ба сӯи инсонгароӣ, некӣ, имон, муҳаббат, садоқат ва ишқ. Ва ин мафоҳими меҳварӣ дар навиштаҳои ӯ маъмулан аз назари як кӯдак, як наврас ё навҷавоне, ки ба дунё ва гирудори он бо чашмони маъсуми тифлона менигарад, шарҳу тавзеҳ меёбанд ва либоси бадеӣ мепӯшанд" [8, с.4].

Анвар Мирзоҳакими Олим дар осори адабии худ аз услуби бисёр муваффақи нигориш кор гирифтааст. Бо мутолиаи қиссаву ҳикояҳояш эҳсос мешавад, ки дар аксар маврид муаллиф шоҳиди бевоситаи он воқеаву ҳодисаҳост. Тасвири реалистии ҳаёти ҷомеа, дардҳои он, муносибатҳои байниҳамдигарии одамон, таъсири равандҳои ҷомеа ба афкору рафтори одамон, хислатҳои қаҳрамонҳои ҳикояву қиссаҳояш хонандаро ба худ мекашад ва ба мавҷи ҳодисаву воқеаҳо ғӯтавар месозад, ки ин ҳунари баланди нависандагии Анвар Мирзоҳакими Олим аст. Аз ҳикояи "Бозгашт ба худ" мисол меорем, ки дар аввал таҳкиягар аз мақоми худ бо ҳоли маҳзун назди оина истода, андешаҳои фалсафии худро рӯи қоғаз меорад: "Назди оинаи қаднамо, пешорӯи худ рост истода, аз чашмонам чашм намеканам. Чашмонам гӯӣ равзанаест, ки маро ба он дунёи пурихтилофу пуртазоди ботин мебарад, ба дунёе, ки дар он садҳо хонаҳо дарҳои баставу боз доранд ва кас намедонад дар кадоме аз онҳо калидаки заррини дарки ҳастӣ, хамирмояи зиндагӣ мавҷуд аст, ки одам тавонад туфайли он моҳияти будани худро фаҳмад. Ҳарчанд ним соат инҷониб аз ин равзана чашм наканда мехоҳам ба киву чӣ будани худ сарфаҳм равам, мурode ҳосил намешавад... Ҳис мекунам аз буданам қаноатманд нестам, ҳатто худро каму беш бад ҳам мебинам - лелаи шашум, баризофаи зиндагӣ ҳастам..." [8, с.82].

Муаллиф бо ин руҷӯъ аз рӯзгори қаҳрамони ҳикояаш Сайфуллоҳ, ки замоне наққоши моницалам дар маҳаллаву деҳа номвар буд, нақл пеш меорад. Панҷаи тақдир ӯро бо воситаи фарзанди маъюби қуттисавораш Аҳрулло ба майзадагӣ бурд. Дар камтарин фурсат Сайфуллоҳи наққош ба шаробхор ва маҳаллаи Покон ба Бараҳнаҳо табдили ном мекунад. Нависанда бо чунин таззод масъаларо пешорӯи хонандааш гузоштааст, ки чи тавр метавонад чархи тақдир зиндагии инсонро воруна созад. Сайфуллоҳи наққош дар хонаҳои мардум нақши зебои рангини дастонашро гузошт. Ҳунараш худодод буд. Ҳаққулзаҳмат талаб намекард ва мардум дар ивази меҳнаташ ӯро зиёфат дода, ба майнӯшӣ моил карданд. Боз дарди бедавои маъюбии писаракаш ӯро ба шиша вобаста намуд. Акнун ӯ маҷбур буд, ки ба маблағи ночиз ҳам меҳнати сангинро дар хонаҳои ҳамсояву маҳаллагиҳояш анҷом диҳад. Нависанда гоҳ-гоҳ дар байни ҳодисаҳо дар образи журналист пайдо мешавад. Анвар Мирзоҳакими Олим, ки баробари нависандагияш чун журналисти номвар дар рӯзномаҳои ноҳиявию вилоятӣ кор кардааст, байни ҳамдеҳагон низ бештар чун журналист маъруфият дошт. Лаҳзаи вохӯрияшро бо Сайфуллоҳ чунин менигорад:

“Офтоб дар тори кӯҳ ранг мебохт. Аз кор бармегаштам, ки дар роҳ бо Сайфуллоҳ рӯ ба рӯ омадам. Вай ширакайф буд ва зери лаб сурудеро замзама мекард. Чун маро дид, дар ҷояш истод ва гӯё барқ зада бошад, яке такон хӯрду ду-се қадам қафо рафт. “Аз барои Худо, Сайфуллоҳу мавзуи Сайфуллоҳ халосӣ ҳаст, ё нест?”

-Ҳа, а, ҷурналист,-мастона ва бо истеҳзо нидо кард Сайфуллоҳ. -Мебахшед, ки боз нӯшидем, беақлӣ кардем. Аслан, барои шумо нӯшиданҳои ман айни даромад, ку. Боз як мақола менависед, обрӯ мегиред...

- Э, э, Сайфуллоҳ, Сайфуллоҳ! Ҳолу аҳволата бин.

- Мебахшед, - бо ҳамон оҳанг суханашро идома дод Сайфуллоҳ, - мебахшед, шуморо асабӣ кардем, ин мо ҳастем, ки ба ҳамааш тоқат мекунем...

Сайфуллоҳ калавида, калавида канори кӯча омаду ба дарахти тути лаби ҷӯй такя зад ва гӯё нав аз зери бори гарони хастакунанда халос шуда буд, ки ду-се бор чуқур-чуқур нафас кашид.

- Як бор фикр накардӣ, ки чаро бадмаст шудаам?.. аслан, худам ҳам фикр накардаам, вале ҳамин мардум, ҳамдеҳагонам, ки имрӯзҳо аз худ сӯфии соф тарошидаанд ва дар ҳар қадам шайхона амри маъруф мекунанд, баръакс мехоҳанд, ки ман ҳамеша масти масти маст бошам, чунки дар мастиям барояшон муфт кор мекунам. Ба ҷои даҳ сомонӣ як сомонӣ мегирам... Акнун зиндагиям дар шумори чанд шиша шароб маҳдуд шудааст, нафас мекашам аз шиша то ба шиша... Ҳунарам дар шароб ғарқ шудааст, вале ман орому осуда, ба эътидол омадаам- на гарм, на хунук, на тар, на хушк... ҳамту...Мурдан мехоҳам, вале аз дастам намеояд, бадмур ҳастам... Аслан, умрам дар сакарот мегузарад, ҷон меканаму ҷон меканам, вале аҷал нест, ки нест...

-Маргро талаб накун, Сайфуллоҳ. Ҳамаш дар дасти худат аст.

-Не, ҷурналист, дер шуд... Аз дастам ҳеҷ кор намеояд, қайла аз маза гузаштааст...” [8, с.95].

Дар меҳвари ҳикояҳои Анвар Мирзоҳакими Олим муносибатҳои инсон меистад. Нависанда ҳамеша дар интихоби қаҳрамонҳои қиссаву ҳикояҳояш ва чеҳракушоии онҳо кӯшиш кардааст. Ҳикояи “Бозгашт ба худ” мисоли ин мазмун аст. Дар он русуми маҳаллаву маҳалладорӣ, оилаи суннатӣ, тарбияву ахлоқ, муносибати падару писар, шафқати бепоёни модар, дардҳои инсонӣ нишон дода шудааст, ки бар он майзадагӣ, бадахлоқӣ, бераҳмиву мағрурӣ, касифӣ, ҳаромхорӣ, разиливу фиребгарӣ муқобил истодааст. Тасвири ҳар як лаҳзаи муносибат барои нависанда муҳим мебошад. Махсусан тасвири модари Сайфуллоҳ-холаи Ҷаннат, ки бар муқобили дардҳои хонаводагияш ночор мондааст. Холаи Ҷаннат духтарашро ба шавҳар дод, бахт надид, шавҳараш Шодмон бо писарҳояш Мурод ва Сабур якҷоя май менӯшад ва онҳоро дар ин кор “роҳнамоӣ” мекунад. Ҳама келинҳо аз ин оила безор шуда, баромада рафтаанд. Модари бечора бо ғамҳои пирӣ танҳо монда, бештар аз Аҳруллои маъюб фикр мекунад. Аз фарзандонаш бӯи умед надорад, аммо каме бошад ҳам аз Сайфуллои ҳунармандаш умед дорад.

-Охир, умедам ба ту, бачам, ба ту...- холаи Ҷаннат лаби сарбандро таҳи дандон гирифту дарун-дарун сӯхтаву об шуда, гиря кард.

- Дер шуд, оча, дер шуд. Кор аз кор гузашт, акнун нахурам мемурам, -беҳолона боз худро рӯи ҷогаҳ гирифт Сайфуллоҳ.

- Охир вай захроба чӣ бало аст, ки нахурӣ, мемурӣ?

- Ҳа, мемурам, оча, мемурам, - ва Сайфуллоҳ аз фишори дарду аламу ғам бо дастони ларзон холаи Ҷаннатро аз китф оғӯш карда, инони гиряро сар дод. -Бутаҷон, бутаҷонакам, мана аз нав таваллуд кун, аз нав... Аз ҳолу аҳволам безор шудаам... Номи Аҳруллоро ҳам нагир. Дилам хунчакон мешавад.”[8,с.88].

Дар ҳикояҳои Анвар Мирзоҳакими Олим қаҳрамонҳо аз қишри миёнаи ҷомеа ҳастанд. Нависанда ҳамроҳи онҳост, аз дарду мушкилот, хурсандиву нишоти қаҳрамонҳо бо забони худи онҳо нақл мекунад. Ин тасвирҳои нависанда таъсирбахшанд. Табиист, ки ҳар гуна асари бадеӣ ба воқеияти реалӣ алоқамандӣ дорад. Ин ҷиҳат дар ҳикояҳои Анвар Мирзоҳакими Олим зиёдтар эҳсос мешавад. Дар мусоҳибааш дар рӯзномаи Адабиёт ва санъат нависанда Ӯрун Кӯҳзод дар мавриди маҳорати нависанда ва инъикоси ҳаёти воқеии рӯзгори мардум гуфтааст, ки ин аз шартҳои муҳими адабиёт мебошад:

“-Шиори “адабиёт-оинаи ҳаёт” як даъвати хушку холӣ нест. Он аз таҷриба ва таъсири адабиёт баромадааст. Модоме, ки рисолати адабиёт манфиате ба мардум расонидан бошад, пас фарз аст, ки нависанда рӯзгори мардумро донад ва аз шириниву талхӣ ва ҳоли замони худ ва ахлоқу одоби роиҷи давр ва ҳусну қубҳи рафтору кирдор ва ҷасорату тарс ва маърифату фарҳанги он мардум барои ҳамон мардум, бо забони образҳо қисса бикунад. Аз ин рӯ моли адабиёт, ба ҳар намуде, ки эҷод шуда бошад, аз хаёлпарастӣ то вуқӯъгӯйӣ, яъне реалистӣ, ҳамааш реша дар ҳаёт дорад ва орзуву ормони мардумро ифода мекунад. Яке дар сурати афсона мегӯяд, вале бо рамз маъноро аз зиндагӣ гирифтааст, дигаре дар ҷомаи тамсилу танзи рӯзгор, яке вуқӯънавис ва монанди ин мебошад. Сурат гуногун аст, лекин мақсад яке, барои зиндагии одамвор одам кадом корҳоро бикунад ва кадом корҳо бар зарари ӯст. Ба иттифоқи муҳаққиқон ва таҷрибаи таърих, аз асарҳои реалистӣ ва таҳлилӣ ба мардум манфиати бештаре мерасад” [2].

Қаҳрамонҳои ҳикояҳои Анвар Мирзоҳакими Олим нафарони гӯё ҳастанд ва ҳодисаҳои зиндагияшон онҳоро эҳсос бахшидааст. Дар ин маврид С.Саидов чунин андеша пеш овардааст: “Мавзӯъҳои одаму одамгарӣ, ростгӯиву ростқавлӣ, меҳрварзиву меҳрубонӣ, некиву некроӣ, ки аз мавзӯоти ҷовидонаи адабиётанд, дар ҳикояҳои нависанда ҷойгоҳи хос доранд. Воқеан, маҳорати нависандагии адиби асил низ дар он аст, ки осори ӯ мутааллиқи ҳамаи давру замонҳо бошад.” [12]

Дар осори Анвар Мирзоҳакими Олим тасвири табиат ҷойгоҳи хоса дорад. Дар ҳама қиссаву ҳикояҳояш ӯ як фурсате ёфта макону муҳити фаъолияти қаҳрамононашро тасвир кардааст. Тасвирҳои ӯ ба қавли адабиётшинос А. Сайфуллоев “ошиқона” аст. “Дар ҳикояҳои лирикӣ (“Шохи шикаста”, “Вақти гули зардолу”, “Гуноҳ”, “Дар таги чанори баланд”) ҳиссиёту ҳаяҷони шадиди қаҳрамон мавҷ андар мавҷ ифода ёфта, то ба умқи дили хонанда рафта мерасанд. Ҳикояҳои эпикиаш (“Бемодарӣ”, “Эҳё”, “Ҳар рӯз аҳвол ҳамин”) таҳлили равандҳои иҷтимоӣ ва ахлоқии ҷомеаро холисона фаро мегиранд. Минётурҳои нависанда, ки аз ҳикояҳои хурд ва таронаҳо иборатанд, низ аз лиризми пурҳаяҷон ва романтикаи айёми ҷавонӣ саршоранд.(“Духтари борон”, “Дидори муҳаббат” , “Шукуфаҳои ишқ”). Нависанда онҳоро бо таъбири шоирона “Ҷарақаҳои диле, ки ошиқ буд...” ном додааст” [16,с.43.]

Нависанда Мирзо Насриддин дар мавриди забон, услуб ва тарзи нигориши Анвар Мирзоҳакими Олим андешаҳои худро чунин баён кардааст: “Маълум аст, ки на ҳар кас аз замони худ асари бадеӣ офарида метавонад. Чунки воқеаҳоро ба зеҳн гирифта, таҳлил кардан ва аз онҳо маънии писандида ва барои ояндаҳо зарурирo дарёфта, ба самъи хонанда расондан, корест сахт мушкил. Анварҷон тавонистанд, ки ин амалро ба зебоӣ анҷом бирасонанд. Мисле, ки шеъри Камоли Хуҷандиро хонда, шеъри Камол буданашро дарк мекунӣ, насри Анварҷонро низ чунин рангу оҳанг иттифоқ афтодааст: «Сарсатри аввалро хонда мегӯӣ, ин насри Анвар Мирзоҳакими хуҷандист». Услуби худро ёфтан нишони соҳибмактаб будан аст” [6].

Воқеъгароӣ ҳунару шеваи баёнест, ки такя бар ҳодисаҳои воқъеӣ ва таваҷҷуҳ ба сабабҳои онҳо мекунад. Он хоси адабиёти реалистӣ аст, ки дар адабиёти тоҷики садаи XX аз устод Айнӣ ибтидо гирифта, то ба имрӯз инкишоф ёфта истодааст. Аслан ин равия аз адабиёти рус Пушкин, Достоевский, Толстой, Тургенев, Чехов замони сохтмони ҷомеаи сотсиалистӣ ба адабиёти халқу миллатҳои узви Иттиҳоди Шӯравӣ гузаштааст. Дар ин бора мухтасар мегӯем, зеро ин мавзӯи аслии мақола нест. Дар эҷодиёти Анвар Мирзоҳакими Олим воқеънигорӣ ҷойгоҳи муҳим дорад. Ҳини омӯзиши насри Анвар Олим кас эҳсос менамояд, ки ӯ ба адабиёт бо ҷӯяндагии воқеӣ рӯй овардааст.Нависанда бо истифода аз жанри ҳикоя ва қисса ҳаёти одамон, инкишофи воқеаҳои замони бачагиву ҷавониву миёнсолии худро ба воситаи қаҳрамонҳои худ ба қалам додааст. Маҷмӯи ҳикояҳои аввалинаш дар маҷмӯаи “Вақти гули зардолу”(соли 1994, дигарбора бо тасҳеҳу иловаҳо соли 2017) чоп шудааст. Дар бораи китоби «Вақти гули зардолу» профессор А. Сайфуллоев навишта буд: «Ман ин маҷмӯаро шиносномаи эҷодии санъаткор мешуморам. Зеро ҳеҷ чиз чеҳраи суханварро мисли китоби ӯ равшан ва ҳаққонӣ нишон дода наметавонад. Ин китоб намунае аз ҳунар ва фазилатҳои адиб аст»[6]. Худи нависанда дар сарсухани чопи дубораи “Вақти гули зардолу” аз ин баҳои эҷодии адабиётшинос Атахон Сайфуллоев изҳори

сипосу қаноатмандӣ кардааст:“ Ҳарчанд аксари ҳикояҳои ин маҷмӯаро дар дарозои солҳои ҳаштодуми асри гузашта навиштаам, он баъдҳо, дар соли 1998 аз тариқи нашриёти ба номи Раҳим Ҷалил, бо теъдоди 200 нусха чоп шуда буд. Ба он маҷмӯа устоди азиз, профессор Атахон Сайфуллоев, (руҳашон шод бод!), ки минбаъд дар тӯли солҳои зиёди ҳамсӯҳбатӣ гӯё тафовути синну сол аз байнамон барҳам хӯрда, бо ҳам ошно шуда будем, сарсухан навишта буданд. Ман аз устод якумр миннатдор ва сипосгузорам, ки ҳамон солҳо мани қаламкаши ҷавонро дастгирӣ карданд, сари нахустин маҷмӯаам дасти дуо бардоштанд ва гуфтанд, ки : “Агар рӯзгори ҳар фард як китоби пурмӯҳтавои ҳаёт бошад, ҳар ҳикояи Анвар Мирзоҳакими Олим саҳифае аз он аст, ки зиндагии тоҷиконро бо суннату хусусиятҳои миллиаш инъикос менамояд.” Чанд тан аз дӯстон сари сӯҳбатҳо ба таъкид гуфтанд, ки “аз тариқи шарҳи ҳолат донистем, ки замоне китобе бо номи “Вақти гули зардолу” чоп карда будаӣ. Агар як нусха дошта бошӣ, биёр, ки мо ҳам хонем”. Вале мутаассифона аз он маҷмӯа ман ҳам дар даст надорам, аз ин рӯ қарор кардам, ки онро аз нав чоп кунам. Тафовути ин маҷмӯа аз он маҷмӯа дар он аст, ки ин ҷо чанд ҳикояҳои нав навиштаам: “Мӯйсафед”, “Очаи Хол”, “Мактуб ба Ошно”-ро низ ҷой додаам”[9].Муаллиф чопи дигарбораи китобашро бо он зарур донистааст, ки он бист сол қабл чоп шуда буд ва фурсати “гирифториҳо, дар дороиву нодориҳо, дар айёми ошиқшавию дилбохтанҳо, шодиву хурсандӣ ва ғаму ғуссахуриҳо, вале бо муҳаббат навишташуда”номидааст[6,с.4].

Ҳикояи “Очаи Хол” аз ин китоб бисёр ҷолиб аст. Он бо айёми зимистони соли 1968, ки нафарони солдида онро бисёр сард тасвир мекунанд, оғоз мешавад. Тасвирҳои нависанда бо калимасозиҳояш бисёр мувофиқ омадааст. Ӯ ҳамеша муҳити он замонро бо табиаташ тасвир мекунад. “Худо бо ғарам-ғарам барф, тахта-тахта яхҳову доман-доман шамоли ҳуштаккаш гӯё хунукиҳои Антарктидаро ба деҳа оварда буд. Хунукӣ бегонаи бераҳм буд” [6,с.60]. Як тасвири оддӣ, аммо зиндагии на танҳо инсонҳо, инчунин набототт аз диди нависанда бисёр зебо тасвир ёфтааст. Қаҳрамони ҳикоя писаракест, ки дарди бемодарӣ дорад ва ҳамроҳи падараш, ки дарди пой дошт, ин зимистони сардро канори сандалӣ мегузаронад.

“Хуб барф мерехт. Худованд хандаҳои сафед мезад ва хандаашро дар саросари деҳа рехта, онро гӯё бо ҳаловат тамошо мекард. Калонсолон аз хунукӣ шикоят мекарданд, вале бадани мо, бачаҳои даҳ-дувоздаҳсола гӯё бухорӣ буд ва аз сардии ҳаво парвое надоштем. Дар пушти хонаи Очаи Хол соатҳо хокей мезадем...” [9,с.62] Макони бозии бачагон қафои ҳавлии Очаи Хол, пиразане, ки танҳо зиндагӣ мекунад. Ду писараш дар ҷанг ҳалок шудаанд ва Очаи Хол дар симои бачаҳои ҳамсоя набераҳои орзуияшро мебинад. Аз ҳикоя ва тасвирҳои замону макон эҳсос мешавад, ки таҳкиягар худи нависанда аст, ки дар айёми бачагияш ин воқеаро аз сар гузаронидааст. Падари писарак Мирзо ном дорад ва дӯсти наздики писарони Очаи Хол аст. Дар симои Мирзо Очаи Хол фарзандонаш Қодиру Собирро мебинад. Вақте писарак боми очаи Холро аз барф тоза карда медиҳад, ба ҷуз қанду қурс ба ӯ як сесӯмаро медиҳад, ки писарак онро маоши аввалини меҳнатияш медонад, аммо ғайричашмдошт гӯшмоли падар ӯро ҳушёр мекунад.

“-Очаи Хол бачаҳояшро бе шавҳар, як худаш газида калон карда буд, мо ба ҳам ошно будем... ошнои ҷонӣ... якҷоя калон шудем...якҷоя рафтем...вақти қаҳтӣ як лаб нонро байни ҳам бе ҳеҷ ҷанҷол, як резгӣ-як резгӣ тақсим карда мехӯрдем... Ана баъд ҷанг сар шуд, ҳамроҳ рафтем, вале ман омадаму онҳо наомаданд...-Падарам кӯтоҳ – кӯтоҳ сурфида, гиряашро пеш мекунад.

-Очаи Холат, ҳоло дар афти ман чеҳраи писаронаш – Қодиру Собирро мебинад ва дар афти ту наберагони орзуияшро... Фаҳмидӣ? Ман, барои Очаи Хол Қодиру Собир ҳастам... ту наберааш...”[9,с.73].

Барои писараки бемодар очаи Хол ҳам модару ҳам бибӣ буд, ки гармии навозиши модаркалон ӯро ба хонааш мебурд. Чун шаб фаро мерасид дар хона бо падараш, дар кулбаи эҳзон баробари дарди бемодарӣ кашидан, мушкилоти сардиро бо бухории хонаашон бартараф мекард. Нависанда манзараи ба бухорӣ алав кардану гармӣ бахшидани онро бисёр ҷолиб тасвир кардааст: “Дадоям дар печкаи дарозрӯяи чӯянӣ пешдаргирон – парахаҳо ва тарошаҳои кундаи зардолуро чалипо гузошта, дар ковокии онҳо газет дар мегиронад ва фурсате мегузашт, ё намегузашт аз карнайҳои бухорӣ, ки чун хартуми фил рӯ - рӯи сақфи хона кашола шуда, аз тирезачаи болодарӣ берун баромада буданд, нахуст калобаҳои сафеду сиёҳи чигилшудаи дуди оташ урроскунон дар ҳавои хираравшани ҳавлӣ гилеми патканда мешуданд, сипас, садои часар - чусури сӯхтани ҳезумчаҳо фазои хонаро пур карда, онро ончунон бо гармии ширгарм ба оғӯш мегирифтанд, ки мегуфтам ҳавои хонаамон аз кафи меҳрубону навозишомези дасти Очаи Хол

нарму гарм шудааст ва сипас ин гармӣ, нахуст хунукии ҳавои хона, сипас мурғакҳои хунукиро аз танам чида мегирифт”[9,с.72].

Барои инсон омӯхтани фалсафаи зиндагӣ ҳамеша ҷолиб аст. Воқеаҳои муҳит ба зеҳн таъсир мегузорад. Суолҳои зиёд инсонро мепечонад ва ӯ ҳамеша ҷӯёи посух аст. Ба қавли адабиётшинос С.Саидов услуби нигориши Анвар Мирзоҳакими Олим насри андеша аст ва равони инсонро таҳрик медиҳад: “Хонанда дар навиштаҳои нависанда аз сужаву персонажҳо худашро дармеёбад, бо қаҳрамонони асар ҳамнишинину ҳамнафас ва ҳамнаво мегардад, тавассути тасвир лаҳзаҳои зиндагиро пеши назараш чун навори филм бедор мекунад. Ин аст ҳунар ва матонати суханварӣ. Аслан рисолати кулли нависандагони соҳибтафаккур, соҳибназар, ва соҳибдили дунё, ки барои чи қалам фарсуданашонро медонанд аз баланд бардоштани маънавияти инсонҳо, дигар кардани назару ҷаҳонбинии тангу заиф,ба некиву накӯкорӣ ҷалб кардани одамият иборат аст. Аз ин ҷост, ки барои хонандае, ки андешаманд асту фикр карда метавонад хондани осори фаразан Чингиз Айтматов барин нависандаи бузург ғайриоддӣ ва шавқовар аст. Анвар Мирзоҳакими Олим низ дар насри муосири тоҷик он мақомро соҳиб гаштааст ва нигоштаҳои ӯ дари адабиёти муосири ҷаҳонро мекӯбад” [12].

Аз ин хотир Матлубаи Мирзоюнус зимни таҳқиқи осори Анвар Олим ба хулосаи ҷолибе омада, онро “насри психологии зеҳнгаро” номидааст[4].

Дар сарсухани китоби“Бачаи лалмӣ”-и Анвар Олим Шоири халқии Тоҷикистон Фарзона навиштааст: “Нависандае, ки мавриди назари мост, забоншиносу замоншиносу ҷаҳоншиносу равоншинос аст. Ӯ мӯътақид аст, ки миёни наср ва шеър бояд тафовуте чашмнамо бошад ва нависанда аз тасвири хаёл бояд ба воқеият кӯч бандад, сухан дар парда нагӯяд ва дардҳои иҷтимоиро бараҳна ба назаргоҳ гузорад, Ҳақиқати худрову ҳақиқати ҳаётро бидуни орояву перояҳои суварӣ боз намояд” [10, с.3].

Насри солҳои 80-ум 90-ро насри таърихи рӯҳияи инсон метавон номид, ки нависандагоне, монанди Сайф Раҳимзоди Афардӣ, Муҳаммадзамони Солеҳ, Муҳаммадраҳими Сайдар, Муаззама ва чанде дигар бо услуби ба худ хоси воқеъгароиву навпардозӣ онро ривоҷ додаанд. Анвар Олимро ҳам метавон дар радифи он нависандагони навҷӯву навгӯ номбар кард. Навиштаҳои Анвари Олим хосаанд. Вай дар мактаби насри устод Айниву Ҷалол Икромӣ, Пӯлод Толису Раҳим Ҷалил, Ҷумъа Одинаеву Фазлиддин Муҳаммадиев, Ӯрун Кӯҳзоду Сорбон, Саттор Турсуну дигарон обутоб ёфтааст. Аз назму насри классикии форсу тоҷик бархурдор гаштааст. Аз навиштаҷоти суханварони Русияву Ғарб илҳом гирифтааст. Ин омилҳо дар пайвастагӣ бо истеъдоди фитрии нависанда ба вай имкон фароҳам овардaнд, ки сабку услуби хоси худашро дарёбад. Фалсафаи зиндагии инсон ҳамеша дар меҳвари таваҷҷуҳи нависанда Анвар Мирзоҳакими Олим қарор дорад. Ӯ бо забони фасеҳ, калимаву иборасозиҳои ҷолиб, истифодаи калимаҳои навсохту ибораҳои классикӣ, тасвирҳои мӯшикофона чеҳраи ҳар як қаҳрамонашро кушода, онро ба хонандааш рӯнамоӣ кардааст. Муаллиф бо масъалагузориҳои худ тавассути қиссаву ҳикояҳояш ба бузургтарин муаммоҳои зиндагӣ посух ҷуста, бо истифода аз хаёлпардозиҳои рангин ва забони шево нозуктарин ҳиссиёти инсониро ба ҷунбиш овардааст. Бо вуҷуди он ки дар бораи эҷодиёти Анвар Мирзоҳаким Олим мақолаҳои пароканда навишта шудааст то ҳол осораш аз назари нақд сухансанҷӣ, меъёрҳои адабии давр мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст.Аз ин рӯ мавзӯи мазкур аз назари таҳқиқ тоза ва саривақтист ва ҳаллу фасли он имкон фароҳам меорад, ки дар шинохти ҳунари нависандагӣ ва арзишҳои адабии осори Анвар Мирзоҳаким Олим саҳифаи тозае боз гардад.

## ПАЙНАВИШТ:

1. Акбарзода,Ю. Адибон ва ноқидон/Ю.Акбарзода. -Душанбе: Ирфон, 2013.-498 с.
2. Кӯҳзод,Ӯ. Сухан бояд ҳадафнок гуфта шавад.../Ӯ.Кӯҳзод //Адабиёт ва санъат.- 2019.- 7 апрел. - С.3.
3. Махсумзод, Р. Ранҷи расми инсоншиносӣ(муқаддима ба мутахаби осори Саттор Турсун) Душанбе, Адиб, 2013.- 560 с.
4. Мирзоюнус, М. Дар бораи насри Анвар Олим//Паёми Суғд.-2020- № 5.-С.23
5. Набавӣ, А. Ҷусторҳо ва ибтикорот дар наср: маҷмуаи мақолаҳо/ А.Набавӣ. - Душанбе: Адиб, 2009. -324 с.
6. Насриддин, Мирзо Шиносоӣ бо Анвар Мирзоҳакими Хуҷандӣ// Адабиёт ва санъат.-2020.-12 июл.-С.4.
7. Олим, Анвар Мирзоҳаким.Бачаи лалмӣ/А.М.Олим.- Хуҷанд:Ношир, 2015.-156с.
8. Олим, Анвар Мирзоҳаким. Моҳмомо/А.М.Олим.- Хуҷанд:Тоҷпринт, 2016.-288с.

9. Олим, Анвар Мирзоҳаким. Вақти гули зардолу/А.М.Олим.-Хуҷанд: Тоҷпринт, 2017.-156с.
10. Олим, Анвар Мирзоҳаким. Дар ломакон/А.М.Олим.-Хуҷанд:Нури маърифат, 2019. – 498с.
11. Раҳматзод, А. "Нависандаи асилу муқтадир" (Назари иҷмолие ба эҷодиёти Анвар Мирзоҳакими Олим)/А.Раҳматзод//Паёми Суғд.-.2020. -№ 3.-С.26.
12. Саидов,С.Устоди сохибқалам ва нависандаи нотакрор/С.Саидов// Сухани халқ.- 2019.-21 июл/
13. Саидов,С.Ҳақиқати олами ботинии нависанда/С.Саидов//Саидов С. Калиди ганҷи маънӣ. Раҳимов И. Фарҳанг ва ойинҳои мардумӣ.- Хуҷанд: Ношир, 2016. – С.139-146.
14. Саидов,С.Ҳунар ва матонати адиб /С.Саидов//Саидов С. Калиди ганҷи маънӣ. Раҳимов И. Фарҳанг ва ойинҳои мардумӣ.- Хуҷанд: Ношир, 2016. –С.146.-159.
15. Сайфуллаева, М. А. Размышление о повести Анвара Мирзохакима Олима "Балогардон" (Оберег) / М. А. Сайфуллаева // Ученые записки Худжандского государственного университета им. академика Б. Гафурова. Серия гуманитарно-общественных наук. – 2015. – № 4(45). – С. 128-133. – EDN VUUNRD.
16. Сайфуллоев, А. Уфуққои тозаи наср/А.Сайфуллоев. -Душанбе, Адиб, 2012.-448с.-1ч.
17. Табаров, С. Ҳаёт, адабиёт, реализм:иборат аз 2 китоб.Китоби 2/ С.Табаров.-Душанбе:Ирфон, 1978.- 223с.
18. Турсун, С. Миллате, ки китобхон нест, ояндаи он норӯшан аст/С.Турсун// Азия Плюс.-2020.- 15 феврал
19. Фарзона. Муждаи саодатбахш/ Фарзона //А.Олимов.Бачаи лалмӣ.-Хуҷанд: Ношир, 2015. -С.3-6.
20. Ходжаева, М. О. Особенности использования синонимов в повести Анвара Олима "Балогардон" / М. О. Ходжаева // Ученые записки Худжандского государственного университета им. академика Б. Гафурова. Серия гуманитарно-общественных наук. – 2018. – № 3(56). – С. 150-155. – EDN YMRCMP.
21. Шукуров, М. Диди эстетикии халқ ва насри реалистӣ/М.Шукуров. -Душанбе, Ирфон,1973.-160с.
22. Шукуров, М. Паҳлӯҳои тадқиқи бадеӣ/М.Шукуров. -Душанбе, Ирфон,1976.-454с.

## REFERENCES:

1. Akbarzoda, U. Writers and critics/U. Akbarzoda. -Dushanbe: Irfan, 2013.-498 p.
2. Kuhzod, Y. Speech should be spoken purposefully.../Y.Kuhzod //Literature and art.- 2019.- April 7. - P.3.
3. Makhsumzod, R. The suffering of humanistic painting (introduction to the book of Sattor Tursun) Dushanbe, Adib, 2013.- 560 p.
4. Mirzoyunus, M. About the prose of Anvar Olim// Payami Sogd. -2020- No. 5.- P.23
5. Nabavi, A. Inventions and innovations in prose: a collection of articles/ A. Nabavi. - Dushanbe: Adib, 2009. -324 p.
6. Nasriddin, Mirzo Getting to know Anwar Mirzohakimi Khujandi// Literature and art.-2020.-July 12.-P.4.
7. Olim, Anwar Mirzohakim. Boy of Lalmi/A.M. Olim. - Khujand: Publisher, 2015.-156 p.
8. Scientist, Anwar Mirzohakim. Grandma Moon/A.M.Olim.- Khujand: Tajprint, 2016.-288p.
9. Scientist, Anwar Mirzohakim. Apricot blossom time/A.M.Olim.-Khujand: Tajprint, 2017.-156 p.
10. Scientist, Anwar Mirzahakim. In the absence /A.M. Olim.-Khujand: Light of Enlightenment, 2019. - 498 p.
11. Rahmatzod, A. An original writer (An overview of the work of Anwar Mirzohakimi Olim)/A. Rahmatzod//Payami Sogd.-.2020. - No. 3.-P.26.
12. Saidov, S. Master of pen and unique writer/S. Saidov// People's speech.- 2019.-July 21
13. Saidov, S. The truth of the inner world of the writer/S. Saidov// Saidov S. The key to the treasure of meaning. Rahimov I. Folk culture and rituals. - Khujand: Publisher, 2016. - P.139-146.
14. Saidov, S. Craft and perseverance of the writer /S. Saidov//Saidov S. The key to the treasure of meaning. Rahimov I. Folk culture and rituals. - Khujand: Publisher, 2016. - P.146.-159.
15. Sayfullaeva, M. A. Reflection on the story of Anvar Mirzohakim Olim "Balogardon" (Amulet) / M. A. Sayfullaeva // Scientific notes of Khujand State University. Humanities and Social Sciences Series. – 2015. – No. 4(45). – P. 128-133.
16. Saifulloev, A. Fresh horizons of prose/A. Saifulloev. - Dushanbe, Adib, 2012.-448p.-1 vol.
17. Tabarov, S. Life, literature, realism: consists of 2 books. Book 2/ S. Tabarov. - Dushanbe: Irfan, 1978. - 223 p.

18. Tursun, S. A nation without readers, its future is unclear/S. Tursun// Asia Plus.-2020.- February 15
19. Farzona. Glad tidings/ Farzona // A. Olimov. Boy of Lammi. - Khujand: Publisher, 2015. - P.3-6.
20. Khodjaeva, M. O. Features of the use of synonyms in Anvar Olim's story "Balogardon" / M. O. Khodjaeva // Scientific notes of Khujand State University.. Humanities and Social Sciences Series. – 2018. – No. 3(56). – P. 150-155.
21. Shukurov, M. People's aesthetic vision and realistic prose/M. Shukurov. - Dushanbe, Irfan, 1973.-160 p.
22. Shukurov, M. Aspects of artistic research/M. Shukurov. - Dushanbe, Irfan, 1976.-454p.